«Тасдиқ мекунам»:
Ректори Донишгоҳи давлатии
забонҳои Тоҷикистон ба номи
Сотим Улуғзода д.и.ф., профессор
Гулназарзода Ж.Б.

«17» 10 2022 с.

ТАҚРИЗИ

муассисаи пешбар ба диссертатсияи Каримов Қадриддин Облобердиевич дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии акидаҳои маорифпарварии Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100 – фалсафа

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва бархӯрди тамаддунҳо таҳлил ва таҳкики осори илмии ниёгон ва қиёси он бо чеҳраҳои намоёни илм ва фалсафаи Аврупо, ҷиҳати таквияти тафаккури милллии табакоти гуногуни ҷомеа аҳамияти бештаре найдо менамояд. Дар ин замина таҳлили муқоисавии ақидааҳои маорифпарварии Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш, ки аз саршиностарин маорифпарварони Аврупо ва Осиё маҳсуб меёбанд, айни муддаост.

Осори арзишманди файласуф, педагог ва маорифпарвари фаронсавӣ Жан Жак Руссо ва мутафаккири тоҷик, асосгузори равияи маорифпарварӣ дар Осиёи Марказӣ, Аҳмади Дониш, ҷузъи фарҳанг ва сармояи маънавии ташаккули қобилияти зеҳнии инсоният маҳсуб меёбанд. Масоили меҳварии таълимоти маорифпарваронаи мутафаккирони фавкуззикрро кӯшиши дарки мафҳуми олам ва ҳастии инсон, системанок ба роҳ мондани раванди таълиму тарбия, таъсиси оила ва риояи талаботи никоҳ, таъсиси ҷомеа ва риояи принсипҳои адолат ва баробарии иҷтимоӣ ҳангоми иҷрои усулҳои идоракунии давлат, дар маҷмуъ муносибати инсон нисбат ба табиат ва моҳияти худ ҷиҳати пайдо намудани ҷойгоҳи мувофиқ дар раванди муносибатҳои иҷтимоӣ ва ғайра, ташкил медиҳанд.

Афкори фалсафии ин ду мутафаккир ҷанбаи ратсионалистӣ дошта, эшон ҳаллу баррасии масоили мавҷударо дар мизони ақл пешниҳод мекунанд ва ба неруи созандаи ақл бовар доранд.

Ҳадафи асосии таҳқиқоти мазкурро таҳқиқи сарчашмаҳои асосии пайдоиши равияи маорифпарварӣ дар Фаронса ва Осиёи Миёна ва нишон додани ҷиҳатҳои умумиятдошта ва фарқкунандаи андешаҳои маорифпарварии Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш ташкил менамояд.

Объекти таҳқиқот, ин ақида ва назарияҳои маорифпарварии тоҷику фаронсавӣ ба ҳисоб меравад.

Диссертант мақсади асосии таҳқиқотро дуруст муайян намуда, дар рафти таҳқиқи мавзуъ аз методҳои маъмули тадқиқот, ба мисли методи таърихию муқоисавӣ, таҳлилӣ, системавию мантиқӣ, истифода намудааст.

Саҳми шахсии муаллиф дар раванди таҳқиқи мавзуъ аз он иборат аст, ки бори аввал дар улуми фалсафӣ саҳми ду мутафаккири машҳур - Жан Жак Руссо ва Аҳмади Донишро дар рушди маориф ва тарбия, мавриди омӯзиш ва таҳлил карор дода, дар такя ба асарҳои бунёдии ин маорифпарварон ҷиҳатҳои умумӣ ва фарқкунандаи ақидаҳои маорифпарварона-инсонгароёнаи онҳоро баррасӣ намудааст.

Диссертант навгониҳои рисолаи илмиро вобаста ба масъалаи таҳқиқ дар доираи проблемаҳои зерин муайян намудааст:

- дар Фаронса ва Осиёи Миёна пайдоиши маорифпарварӣ дар доираи нишон додани ҷиҳатҳои умумиятдошта ва хусусиятҳои фарккунадаи он таҳқиқ карда шудаанд;

- шарҳи ҳол ва мазмуну моҳияти осори Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш ба таври мухтасар мавриди таҳлили муқоисавӣ карор гирифтаанд;

- сарчашмаҳои идеявии ташаккулёбии ақидаҳои маорифпарварии Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш дар чорчӯбаи маъхазҳои таърихӣ-илмӣ асоснок карда шудаанд;

- вазъи баррасии масъалаи инсон ва иртиботи ӯ бо ҷомеа дар таълимоти Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш дар доираи асарҳои бунёдии онҳо мавриди таҳлил ва муқоиса карор гирифтаанд

- моҳияти фалсафии консепсияи тарбияи табиии Жан Жак Руссо ва ҷиҳатҳои умумиятдошта ва хусусиятҳои фарккунандаи он аз назарияи тарбиян Аҳмади Дониш илмӣ таҳқиқ ва нишон дода шудаанд

- таъсири ақидаҳои маорифпарварии Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш дар ташаккули афкори фалсафии ҳамасрон ва мутафаккирони баъдина мавриди таҳлилу муқоиса карор дода шудаанд.

Автореферат ва корҳои илмие, ки вобаста ба мавзуи таҳқиқот чоп гардидаанд, мазмуни асосии рисолаи диссертатсиониро ба таври зарурӣ инъикос менамоянд.

Нуктаҳои асосии таҳқиқот дар 5 мақолаҳои илмии аз ҷониби диссертант батабърасида баён гардидаанд, ки аз онҳо 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд. Ҳамчунин, нуктаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳо ва семинарҳои гуногуни илмию амалии донишгоҳию ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ аз ҷониби диссертант дар шакли маъруза пешниҳод гардидаанд.

Диссертатсияи Каримов Қадриддин Облобердиевич аз рӯйи сохтори худ мантиқан дурӯст ба расмият дароварда шудааст.

Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳои амалӣ ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст.

Дар муқаддима мубрамияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиши он, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, объект ва предмети он, асосҳои назариявӣ ва методологии тадқиқот баён гардида, навоварии илмии диссертатсия ва нуктаҳое, ки барои дифоъ пешниҳод мешаванд мушаххас гардида, аҳаммияти назариявӣ ва амалии он инъикос ёфта, дар бораи апробатсияи таҳқиқот ва сохтори диссертатсия маълумот дода шудааст.

Боби якуми диссертатсия **«Нақши Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш дар пайдоиш ва ташаккули равияи маорифпарварӣ»** унвон гирифта он фарогири се зербоб мебошад.

Масъалаи меҳварии зербоби аввали боби мазкур - **"Пайдоиши маорифпарварӣ дар Фаронса ва Осиёи Марказӣ: умумият ва фарқият"** - ро муайян намудани заминаҳои асосии пайдоиши ҳаракати маорифпарварӣ дар Фаронса ва Осиёи Марказӣ ташкил медиҳанд. Тавре диссертант таъкид менамояд, масъалаи меҳварии ҳаракати маорифпарвариро дар Фаронса таъмини ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ташкил медиҳад.

Дар кишварҳои Шарқи Наздику Осиёи Марказӣ бошад, ақидаҳои маорифпарварӣ дар ниман дуюми асри XIX пайдо шуда, саромадон ва бунёдгузорони он Саид Ҷамолиддини Афғонӣ, Абдураҳмон ал - Кавокибӣ, Зайнул Обидини Мароғӣ, Муҳаммад Абдиҳ, Маҳмуди Тарзӣ, Муҳаммад Иқбол, Ҳамза Ҳакимзода, Ниёзӣ ва Аҳмади Дониш ба ҳисоб мераванд.

Диссертант дар зербоби мазкур тавонистааст дар такя ба сарчашмаҳои муътамад сарчашмаҳои асосии пайдоиши маъорифпарварӣ дар Фаронса ва Осиёи Марказиро муайян намуда, дар ин замина умумият ва фарқияти андешаҳои маорифпарварии Фаронса ва Осиёи Марказиро то андозае пайгирӣ намояд.

Дар зербоби дувуми боби аввали диссертатсия - "**Мухтасари шархи хол ва таснифи осори Жан Жак Руссо ва Ахмади Дониш**", диссертант ба тавсифи шарҳи хол ва таснифи осори ин ду чехраи илм ва фарҳанги ҷаҳонӣ пардохтааст. Зимнан диссертант аз зиндагии пурмоҷарои Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш ёдовар шуда, саҳми ин моҷароҳоро дар шаклгирии тафаккури илмии ин чехрахо назаррас медонад. Ҳамзамон диссертант нақши осори илмии Жан Жак Руссо ва Аҳмади Донишро дар ташаккули маорифпарварӣ махсус таъкид намуда, бар он назар аст, ки таъсири китоби «Қарордоди иҷтимоӣ», ки Жан Жак Руссо марбут аст, дар инкилоби Фаронса хеле бузург аст.

Диссертант дар такя ба осори Аҳмади Дониш аз ҷумла, "Манозир-ул-кавокиб", "Меъёр-ут-тадаюн" ва "Рисола фи-аъмол-ил-курра" таъкид менамояд, ки осори номбаргардида ба масоили динию фалсафӣ, аз қабили, масоили пайдоиши оламу одам, муносибати руҳу ҷисм, тақдир, ҳаёту мамот бахшида шудаанд. Аммо дар "Наводир-ул-вақоеъ", "Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития" ва "Рисола дар назми тамаддун ва таовун" афкори иҷтимоӣ-сиёсӣ, иқтисодиву фарҳангии Аҳмади Дониш дар бораи пайдоиши ҷамъият, нақши инсон дар ҷомеа, пайдоиши оила ва вазифахои волидайн дар таълиму тарбияи фарзанд, риояи рукнҳои фарҳанги оиладорӣ, масъалаи тарбияи инсони комил ва раҳоии фард аз шуури таклидии динӣ ва амсоли онҳо инъикоси худро ёфтаанд.

Дар зербоби сеюми боби аввали диссертатсия - "**Сарчашмахои идеявии ташаккулёбии ақидахои маорифпарварии Жан Жак Руссо ва Ахмади Дониш**"баррасӣ гардида, дар ин замина диссертант таъсири бевоситаи андешаҳои илмӣ ва иҷтимоиву сиёсии мутафаккиронеро ба мисли Гуго Гротсий (1583-1645), Томас Гоббс (1588-1679), Ҷон Локк (1632-1704) ва Ш.Л. Монтескё (1689-1755) дар шаклгирии тафаккур ва ҷаҳонбинии Жан Жак Руссо назаррас арзёби менамояд.

Тавре диссертант қайд менамояд, Ж.Ж. Руссо роҳҳои сохтори сиёсиеро, ки инсонҳо ба ҳам пайваст шуда, ҳолатҳои табиӣ ва озодиашонро аз даст надиҳанд, ҷустуҷӯ намуда, назарияи истиқлоли халкро пешкаш менамояд. Ба андешаи вай, истиқлоли халқ вуҷуди дастҷамъиест, ки шахси алоҳида ҳамчун намоянда буда наметавонад.

Диссертант зимни омӯзиш ва баррасии масъала ба натиҷае мерасад, ки дар ташаккули акидхои маорифпарварии Аҳмади Дониш таъсири асарҳое ба монанди "Кимиёи саодат" ва "Насиҳат-ул-мулук"-и Муҳаммад Ғазолӣ ва "Захират-ул-мулук"-и Алии Ҳамадонӣ назаррас мебошанд.

Боби дуюми диссертатсия **«Тамоюлгирии андешаҳои гуманистии Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш: таҳлили муқоисавӣ»** номгузорӣ шуда он низ фарогири се зербоб мебошад.

Зербоби аввали боби дувум - **"Баррасии масъалаи инсон ва иртиботи ӯ бо ҷомеа дар таълимоти Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш"** ба таҳлили системаи фалсафи ва баррасии масъалаи инсон ва робитаи ӯ бо ҷомеа аз нигоҳи Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш бахшида шуда, дар ин замина диссертант таъсири муҳити табии ва иҷтимоӣ дар ташаккули инсонро аз зовияи андешаҳои ин ду чеҳраи фарҳанги баррасӣ менамояд. Ж.Ж. Руссо мавҷудияти Худоро ҳамчун нахустсабаб ва муайянкунандаи ҳамаи тартибот эътироф мекунад.

Аҳмади Дониш бошад тавре диссертант қайд менамояд, дар баррасии масъалаи ҳастишиносӣ ва муайян кардани нахустсабаби офариниши мавҷудот ҳастии Худовандро эътироф мекунад, аммо офарида шудани инсонро маҳсули чор унсур мешуморад. Ахмади Дониш баъд аз баррасии масъалаи инсон ва муайян кардани мақоми ӯ дар олам, сабабҳои таъсиси ҷомеа оид ба одоби давлатдорӣ, тарзи ҷо ба ҷо гузоштани маъмурини идораи давлатӣ, баррасии масъалаҳои марбут ба соҳаҳои ҳаётбахши ҷомеа, дар маҷмӯъ, рушд ва пешрафти кишвар изҳори андеша карда, нисбат ба ақидаҳои Ж.Ж. Руссо, ки бозёфтҳои тамаддуниро сабаби бадбахтии мардум меҳисобад як қадам пеш гузошта, ба таври дақиқ ва ба воқеият наздиктар панҷ омилро сабаби асосии ҳал кардани нобаробариҳои иҷтимоӣ, риояи адолат ва тараққии ҷомеаи маданӣ мешуморад, ки истифодаи онҳо шарт ва ҳатмӣ мебошанд.

Дар зербоби дувуми боби дувуми диссертатсия - **"Моҳияти фалсафии консепсияи тарбияи табиии Жан Жак Руссо ва хусусиятҳои фарккунандаи он аз назарияи тарбияи Ахмади Дониш"** баррасӣ мегардад.

Вобаста ба ин диссертант моҳияти фалсафии консепсяи тарбияи табиии Жан Жак Руссо ва Аҳмади Донишро пайгирӣ намуда, ба натиҷае мерасад, ки аз назари Руссо дар ташаккули инсон ду принсип, яке принсипи тарбияи озод ва дигаре принсипи тарбияи табии бевосита таъсиргузор мебошанд. Аз назари Жан Жак Руссо ба марҳилаҳои табии ҳаёти инсон, - даврахои синнусолӣ, кобилият ва талаботи кӯдак дар дарачаҳои гуногуни рушди синнусолии ӯ, дахл дорад.

Дар назарияи тарбияи Ахмади Дониш бошад, аз диди диссертант пеш аз ҳама, муҳаббат ва эҳтироми зану шавҳар нисбат ба ҳамдигар, сабру таҳаммул, якдигарфаҳмӣ омилҳои асосии устуворӣ ва пойдории оила ба ҳисоб мераванд.

Дар зербоби сеюми боби дувуми диссертатсия «**Таъсири акидахои ичтимой-сиёсии Жан Жак Руссо ва Ахмади Дониш дар ташаккули афкори фалсафии хамасрон ва мутафаккирони баъдина**» пайгирй шуда, дар ин замина диссертант аз таъсири бевосита акидахои ичтимой-сиёсии Жан Жак Руссо дар Фаронса, Олмон ва дигар кишвархои Аврупо ибрози андеша менамояд. Ҳамзамон диссертант дар ин самт ба монандии андешахои маорифпарваронаи Жан Жак Руссо ва Ахмади Дониш ишора намуда, таъкид менамояд, ки ин монанди аз он далолат намедихад, ки Ахмади Дониш тахти таъсири Жан Жак Руссо Қарор гирифта бошад.

Аз диди диссертант идеяхои Жан Жак Руссо ва Ахмади Дониш характери созанда, пешрафта ва рўхияи инкилоби доштанд. Онхо ба рушди чомеа мусоидат намуда, барои насли баъдина, файласуфон ва педагогон, хамчун манбаи ташаккули афкор хидмат намуданд.

Дар хулоса натичахои илмии бадастомада ва пешниходхои мушаххаси муаллиф нишон дода шудаанд.

Бо вучуди хамаи ин муваффакиятхо дар рисолаи Каримов Қ.О. баъзе норасогихо низ мавчуданд, аз чумла:

1. Диссертант дар сахифаи чоруми диссертатсия аз каробат доштани андешахои маорифпарварии Жан Жак Руссо ва Ахмади Дониш ишора намуда, илова менамояд, ки Ахмади Дониш такрибан як аср баъдтар аз Ж.Ж. Руссо зиндагй кардааст ва Ж.Ж.Руссо ва осори уро комилан намедонист. Оё диссертант дар ин масъала далели муътамаде дорад.
2. Диссертант дар сахифаи панчуми диссертатсия онди аз назари мухаккикони Шўравй чанбаи демократй ва маорифпарварона доштани таълимоти фалсафии Руссо сухбат намуда, мафхуми "педагогикаи чуфт"-ро, ки опро ба А.С. Макаренко мансуб медонад, бидуни дар поварак шарх додани он истифода менамояд.
3. Дар дарачаи коркарди илмии омўзиши масъала диссертант аз сахми олимони Олмон аз қабили И.Б. Базедов, Х.Г. Залкман, И.Г. Кампе, Э.Х. Трапп, дар таҳкиқи паҳлухои мухталифи осори фалсафии Ж.Ж. Руссо ёдовар мешавад. Ин дар холест, ки чй дар дохили диссертатсия ва чй дар фехристи адабиёт бо забони хоричие, ки диссертант дар сахифаи 177 чой додааст, иктибосе ва ё адабиётеро бо исми ин афрод пайдо намудан номумкин аст.
4. Дар диссертатсия камбудихои услубиву имлой ба назар расида, он ба таҳрир эҳтиёч дорад.

Албатта, камбудихои ишорашуда хусусияти тавсиявй дошта, арзиши илмии диссертатсияро коста наменамоянд.

Хулоса, рисолаи диссертатсионии Каримов Қ.О. дар мавзуи **«Тахлили мукоисавии акидахои маорифпарварии Жан Жак Руссо ва Ахмади Дониш»** ба талаботи бандхои 31 ва 33-и «Тартиби додани дарачахои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, тахти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дарачаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100 – фалсафа мебошад.

Такриз ба талаботи банди 79-и «Тартиби додани дарачахои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, тахти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Такризи мазкур дар ҷаласаи васеи кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишкадаи давлатии забонхои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода суратҷаласаи №4 аз 09.11.2022, мухокима ва тасдиқ карда шудааст.

Дар ҷаласаи 18 нафар омӯзгорон иштирок доштанд.

Натичаи овоздиҳӣ: «тарафтор» – 18 нафар, «мукобил» - нест, «бетараф » - нест.

Раиси ҷаласа:
Мудири кафедраи фалсафа ва
сиёсатшиносии ДДЗТ ба номи
Сотим Улуғзода, н.и.ф., дотсент Мачидов Д.Ҳ.

Омодасози лоиҳаи такриз:
н.и.ф., дотсент Сулаймонов Б.С.

Котиб:
муаллими калони кафедра Мирова Н.Р.

Имзохои Мачидов Д.Ҳ.,
Сулаймонов Б.С. ва
Мирова Н.Р.- ро
тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрхои ДДЗТ
ба номи Сотим Улуғзода Юсупова Б.Ғ.

Сурогаи муассиса:
734003,ш. Душанбе, к. Мухаммадиев 17/6
тел.: (+992 37) 232 -50-00, 232-51-04